**ТАҚРИЗИ**

**муқаррizи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Ҳабибзода Назира Халил дар мавзуи «Тафтиши ба худкушӣ расондан» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Ҳабибзода Назира Халил дар мавзуи «Тафтиши ба худкушӣ расондан» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 01.04.2022 №95/шд ва 25.10.2024 №407/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Ба худкушӣ расондан яке аз масъалаҳои доғ ва нигаронкунандаи ҷомеаи муосир ба шумор меравад, ки ҳам аз ҷиҳати иҷтимоӣ, равонӣ ва ҳам ҳуқуқӣ дорои аҳамияти фавқулода аст. Афзоиши ҳолатҳои худкушӣ, хусусан миёни ҷавонон ва наврасон ҷомеаро водор месозад, ки ба таҳқиқи амиқи сабабҳо, роҳҳои пешгирӣ ва механизмҳои ҳуқуқии танзими ин падида рӯ орад.

Бо рушди технология, шабакаҳои иҷтимоӣ ва афзоиши фишорҳои равонӣ, ҳолатҳои ба худкушӣ расондан аз тарафи шахсони дигар (ба мисли таҳқир, таҳдид, маҷбуркунӣ ё зӯроварии равонӣ) низ бештар мушоҳида мешаванд. Ин ҳолатҳо на танҳо боиси аз даст рафтани ҷони инсонҳо мегарданд, балки зарурати муайян кардани марзи масъулияти ҳуқуқӣ ва ахлоқиро дар назди ҷомеа ва қонун ба миён меоранд.

Қонунгузории миллии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалӣ то андозае масъалаи ба худкушӣ расонданро дар доираи ҷавобгарии ҷиноятӣ баррасӣ мекунанд, вале дар бисёр ҳолатҳо механизмҳои амалкунанда натавонистаанд, ки пеши роҳи чунин ҳодисаҳоро гиранд. Ин вазъ зарурати таҳлили амиқи сабабҳои иҷтимоӣ, равонӣ ва ҳуқуқии ин падидаро ба миён меорад.

Аз ин рӯ, интихоби мавзуи дисертатсионӣ оид ба тафтиши ба худкушӣ расондан бо дарназардошти ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, на танҳо мубрам, балки зарур ва саривақтӣ мебошад. Таҳқиқи илмӣ дар ин самт метавонад барои такмил додани қонунгузорӣ, беҳтар кардани чорабиниҳои пешгирикунанда ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷомеа саҳми назаррас гузорад.

Ҷинояти ба худкушӣ расондан (одатан, тибқи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) яке аз мураккабтарин намудҳои ҷиноятҳое мебошад, ки тафтиши онҳо аз ҷиҳати исботи иртиботи сабабӣ миёни кирдори шахс ва акти худкушии қурбонӣ мушкилоти ҷиддиро ба миён меорад.

Ин гуна ҷиноятҳо, одатан дар муҳити шахсӣ, оилавӣ, меҳнатӣ ё иҷтимоӣ содир мешаванд ва сабабҳои аслии онҳо метавонанд зӯроварии равонӣ, таҳқир, паст задани шаъну шараф, таҳдид, расонидани озори доимии ахлоқӣ ва дигар шаклҳои маҷбурсозӣ бошанд. Ҳолатҳои ба худкушӣ расондан, махсусан миёни ҷавонон, наврасон ва занон бештар ба қайд гирифта мешаванд, ки инро бо осебпазирии равонӣ ва таъсири муҳити иҷтимоӣ метавон шарҳ дод.

Тафтиш ва ошкор намудани ҷинояти ба худкушӣ расондан як раванди хеле мураккаб, вале зарурӣ мебошад. Барои таъмини адолати судӣ ва пешгирии чунин ҳолатҳои фоҷиавӣ ҳамкории муташаккилонаи муфаттиш, коршиносони соҳаҳои равоншиносӣ, криминалистика ва ҳуқуқшиносон хеле муҳим аст. Бештар кардани савияи тахассусии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва истифодаи технологияҳои муосири таҳқиқ метавонад самаранокии ошкорсозии чунин ҷиноятҳоро афзоиш диҳад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя иешниҳод мешаванд.** Таҳқиқоти илмии Ҳабибзода Назира Халил, ки ба мавзуи «Тафтиши ба худкушӣ расондан» бахшида шудааст, бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фазои баъдишуравӣ ба таври мукаммал амалӣ гардида, барои рушди илми криминалистика дорои аҳамияти назариявӣ ва амалии баланд мебошад.

Навоварии асосии тадқиқот дар он зоҳир мешавад, ки муаллиф барои нахустин маротиба масъалаи таҳқиқи ҷинояти ба худкушӣ расонданро на танҳо аз дидгоҳи ҳуқуқӣ, балки дар ҳамбастагӣ бо ҷанбаҳои криминалистикӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ таҳлил намуда, тавсияҳои амалиро барои такмил додани усулҳои тафтиш ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод намудааст.

Дараҷаи навгонии таҳқиқ дар ин самт, дар асоси коркарди назариявии амиқ ва таҳлили васеи таҷрибаи амалии мақомоти тафтишотӣ ва додгоҳӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии марбут ба худкушӣ расондан; пешниҳоди тавсифи илмии криминалистикии ҷинояти ба худкушӣ расондан, ки унсурҳои сохторӣ, хусусиятҳои хатарнокӣ ва механизмҳои содиршавии онро фаро мегирад.

Маҳз ин омилҳо, ҳамчунин иштироки бевоситаи муаллиф дар таҳқиқоти эмпирикӣ ва таҳлили маводи воқеии судӣ, дараҷаи баланд ва аҳамияти амалии натиҷаҳои пешниҳодшударо муайян менамоянд.

**Нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, навгонии онро нишон дода, аз омилҳои зерин иборат мебошанд:**

Таърифи нав ва мукаммали мафҳуми «тафтишоти ҷинояти ба худкушӣ расондан» бо дарназардошти хусусиятҳои криминалистикии он ва муҳитҳои иҷтимоиву равонии содиршавӣ.

Сохтори тавсифи криминалистикии ҷинояти ба худкушӣ расондан, ки бори аввал дар асоси таҳлили ҳаматарафаи омилҳои ҳуқуқӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ таҳия шудааст ва барои мақсадҳои амалӣ истифода бурда мешавад.

Модели методологии гузаронидани тафтиши пешакӣ оид ба ҷинояти ба худкушӣ расондан бо дарназардошти хусусиятҳои хос ва муҳити содиршавии ҷиноят, ки татбиқи онро мақомоти тафтишотӣ метавонанд истифода баранд.

Таҳлили муқоисавии таҷрибаи судии Тоҷикистон дар баррасии парвандаҳои ба худкушӣ расондан бо нишон додани камбудиҳо ва тавсияҳо барои ислоҳи қонунгузорӣ.

Пешниҳод оид ба такмил додани моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан дар самти муайянсозии ҳадди исбот ва василаҳои муосири муайян кардани робитаи сабабӣ. Тавсияҳо оид ба омӯзиши иловагӣ ва тайёр кардани кадрҳои касбӣ, ки дар соҳаи ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо, махсусан ба худкушӣ расондан машғул мешаванд.

Муайянсозии сатҳи хатарнокии иҷтимоии ҷинояти ба худкушӣ расондан дар шароити муосир, ки онро ба ҳайси таҳдиди рӯзафзуни амнияти иҷтимоӣ арзёбӣ менамояд.

Ин нуктаҳои илмӣ дар заминаи хулосаҳо ва тавсияҳои бо далелҳои илмӣ асоснок таҳия гардида, дар шакли мақолаҳо ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ низ муаррифӣ шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардида бар асоси таҳқиқоти комплексӣ, таҳлили ҳамаҷонибаи меъёрҳои ҳуқуқӣ, амалияи судӣ ва маводи амалӣ асос ёфтаанд.

Хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ-амалии ифодаёфта дар диссертатсияи Ҳабибзода Назира Халил дар асоси таҳқиқоти амиқи назариявӣ, таҷрибаи амалии мақомоти тафтишотӣ ва додгоҳӣ, ҳамчунин омӯзиши маводи оморӣ ва ҳуҷҷатҳои расмии марбут ба ҳолатҳои худкушӣ ва ҷинояти ба худкушӣ расондан таҳия шудаанд.

Эътимоднокии хулосаҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки маълумоти эмпирикӣ ва воқеии судӣ, ки асоси таҳлили амалии тадқиқотро ташкил медиҳанд, аз бойгонии парвандаҳои ҷиноятӣ ва судии шаҳри Душанбе, вилоятҳои Суғд ва

Хатлон дастрас ва таҳлил шудаанд. Ин санадҳо ҳолатҳои воқеии худкушӣ ва ба худкушӣ расонданро дар бар мегиранд, ки таҳқиқоти анҷомдодаро бо заминаи воқеӣ таъмин менамоянд.

Методологияи таҳқиқ, ки дар тадқиқот истифода шудааст, маҷмӯи усулҳои таҳлили ҳуқуқӣ, криминалистикӣ, муқоисавӣ ва оморӣ мебошад. Ин усулҳо ба таҳқиқ имконият додаанд, ки робитаҳои сабабию натиҷавӣ байни амали шахси гумонбар ва худкушии қурбонӣ исбот ва дар чаҳорчӯбаи илмӣ баррасӣ шаванд. Хулосаҳо ва тавсияҳо бо такя ба таҷрибаи амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таҳия шуда, ба мушкилоти амалии тафтиши ҷиноятҳои марбут ба худкушӣ расондан посух медиҳанд ва барои беҳтар кардани механизми ошкорсозӣ ва санҷиши он равона шудаанд. Хусусият ва дараҷаи хатарнокии иҷтимоии ҷинояти ба худкушӣ расондан, ки дар диссертатсия баррасӣ шудаанд, бо маълумоти оморӣ ва таҳлили вазъи иҷтимоӣ асоснок карда шудаанд. Муаллиф ин падидаро ҳамчун таҳдиди афзояндаи амнияти равонӣ ва ахлоқии ҷомеа арзёбӣ намудааст.

Тавсияҳои пешниҳодгардида барои такмили қонунгузорӣ ва амалияи мурофиавӣ бо асосҳои мустаҳками илмӣ пешниҳод шудаанд ва метавонанд дар фаъолияти мақомоти тафтишотӣ, прокурорӣ ва судӣ татбиқи амалӣ пайдо кунанд. Ҳамоҳангии мантиқии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия, ки аз муқаддима то хулоса дар асоси ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ пайгирона баён ёфтаанд, нишонаи равшани тартибу низоми илмии кор мебошанд. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ эътимоднокии хулосаҳоро боз ҳам мустаҳкам карда, мавқеи илмии онҳоро тасдиқ мекунад.

Бо дарназардошти омилҳои зикршуда, метавон қайд кард, ки хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола баёншуда на танҳо асоснокии илмӣ, балки қимати амалӣ ва татбиқшавандагӣ доранд ва барои такмил додани фаъолияти мақомоти тафтишотӣ, низоми ҳуқуқӣ ва чорабиниҳои иҷтимоӣ дар самти пешгирии худкушӣ хизмат мекунанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

Таҳқиқоти илмии Ҳабибзода Назира Халил аз ҷиҳати назариявӣ муҳим ва навовар мебошад, зеро бори аввал дар фазои илмии Тоҷикистон ва давлатҳои пасошуравӣ ба таври васеъ ва мукаммал масъалаи тафтиши ҷинояти ба худкушӣ расондан мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Муаллиф бо таҳлили амиқи асосҳои криминалистикӣ, ҳуқуқӣ ва равонӣ, тафсири нав ва илман асоснокшудаи мафҳум, хусусият ва механизмҳои содиршавии ин ҷиноятро пешниҳод намудааст.

Тавассути таҳияи модели криминалистикии ҷиноят, таҳлили таҷрибаи судӣ, такмили категорияҳои илмии тафтишоти ҷиноятӣ ва пешниҳоди тавсияҳо

оид ба қонунгузорӣ рисола саҳми назаррас ба рушди илми криминалистика, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мегузорад.

Диссертатсия аз ҷиҳати амалӣ дорои аҳаммияти баланди касбӣ мебошад. Тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд аз ҷониби муфаттишон ва мақомоти тафтишотӣ барои баланд бардоштани сифати таҳқиқи парвандаҳои марбут ба худкушӣ расондан мусоидат намояд.

Таҳқиқоти мазкур ба масъалаи муҳими иҷтимоӣ —ба худкушӣ расондан, ки бо равандҳои печидаи иҷтимоӣ ва равонӣ пайванд дорад, посухи илмӣ медиҳад. Натиҷаҳои он метавонанд ба тақвияти шуури ҳуқуқии шаҳрвандон ва муҳити солими равонӣ дар ҷомеа ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон мусоидат кунанд.

Паҳлуҳои иҷтимоии таҳқиқот ба он асос медиҳанд, ки рисола на танҳо барои муҳити илмӣ, балки барои мақомоти давлатӣ, муассисаҳои иҷтимоӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дорои арзиши амалии баланд мебошад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Бар асоси натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия маҷмӯи 15 мақолаи илмӣ нашр гардидааст. Аз онҳо 15 мақола дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 11 мақола дар нашрияҳои дигар, ки сатҳи илмӣ ва эътимоднокии заруриро доранд, ба табъ расидаанд. Ин нашрияҳо саҳми муассир ва дастгирии равандҳои илмии таҳқиқоти мазкурро таъмин менамоянд. Зикр намудан бамаврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтор ва њаљми диссертатсия ба мавзуъ ва объектњои тањќиқот, инчунин, маќсаду вазифањои гузошташуда мувофиқат мекунад. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад. Ҳаҷми диссертатсия 194 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуъ асоснок шуда, мушкилоти назариявӣ ва амалии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои тафтишоти ба худкушӣ расондан бозгӯӣ гардидаанд, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва навгонии кор, усулҳои таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, ба тасвиб расидани натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори диссертатсия ба таври дақиқ баён карда шудаанд.

Боби аввали таҳқиқот «Тавсифи криминалистикии ба худкушӣ расондан» номгузорӣ шуда, ду зербобро дар бар мегирад, ки дар онҳо масъалаҳои тавсифи

криминалистикии ба худкушӣ расондан ва таҳқиқи криминалистикии одамкушии ҳамчун худкушӣ вонамудкардашуда мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Дар боби дуюм – «Хусусиятҳои тафтиши ба худкушӣ расондан» масоили хусусиятҳои тактикаи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса бо аломатҳои худкушӣ, инчунин, хусусиятҳои тактикии пурсиши шоҳидон ва ҷабрдидагоне, ки дар натиҷаи ҳодисаи худкушӣ зинда мондаанд, баррасӣ мешаванд.

Азназаргузаронии ҷойи ҳодиса яке аз амалҳои асосии тафтишотӣ дар раванди санҷиши маълумот дар бораи ҷиноят мебошад. Дар ҳолати пайдо шудани ҷасад раванди тафтишот мураккаб мегардад, ки барои дарёфти воқеият муфаттиш бояд диққати худро ба фарзияҳои асосӣ равона намояд: куштор (дар шакли одӣ ё касбӣ) ё ба худкушӣ расондан, аз беэҳтиётӣ ба марг расондан.

Пурсиши шоҳидон ва ҷабрдидагон дар ҳолатҳои худкушӣ дар муайянсозии ҳолатҳои воқеии парванда ҷойгоҳи махсусро ишғол менамояд. Аз нигоҳи муаллиф, яке аз далелҳои асосӣ дар ошкорсозии ҷиноят нишондоди шоҳидон ба ҳисоб меравад. Онҳо дар марҳилаи тафтишоти пешакӣ ҳамчун омили муҳим ва бунёдӣ дар пешбурди тафтишоти дуруст хизмат мекунанд. Ин раванди ҳуқуқӣ вобаста ба такмили роҳҳои нави тафтишотӣ ташаккул ёфта, танҳо тавассути омӯзиши объективии далелҳо ба адолати судӣ метавон даст ёфт.

Дар боби сеюм – «Асосҳои криминалистикии таъин ва гузаронидани экспертизаҳои судӣ-криминалистикӣ дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан» муаллиф дар бораи то кадом андоза муҳим будани донишҳои махсус ва истифодаи онҳо дар рафти тафтиши ба худкушӣ расондан, инчунин, тактикаи таъин ва гузаронидани экспертизаҳои судӣ-тиббиро ҳангоми тафтиши худкушӣ таҳлил кардааст.

Ба ақидаи муаллиф, экспертизаи судӣ бо дарназардошти вазифаҳои асосии он дар раванди тафтиш нақши муҳимро дорост. Мувофиқан, ин ҷо саволи фаъолияти муассисаҳои дахлдор ба миён меояд: барои муайян кардани кадом навъи экспертиза ба муассисаҳои дахлдори экспертизаи судӣ бояд муроҷиат намуд, то онҳо дар муайян намудани навъи экспертиза кумак кунанд.

**Автореферат фишурдаи диссертатсия** буда, дар умум мафҳум ва моҳияти диссертатсияро мекушояд.

**Бо вуҷуди баҳои мусбии кор дар диссертатсия баъзе масъалаҳои норавшан ба назар мерасанд, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст:**

1. Дар бахши 1.1 тавсифи назариявии мафҳуми «ба худкушӣ расондан» бо такя ба сарчашмаҳои ҳуқуқии миллӣ дода шудааст, вале таҳлили муқоисавӣ бо қонунгузории дигар кишварҳо ва пажуҳишҳои байналмилалӣ суст инъикос

ёфтааст. Ин нуқсон метавонад доираи таҳқиқро маҳдуд гардонад ва тавсия мешавад, ки шарҳи васеътар бо истифода аз таҷрибаи байналмилалӣ дар раванди ҳимояи ошкоро баён карда шавад.

2. Дар бобҳои II ва III, гарчанде усулҳои тактикӣ ва экспертӣ зикр шудаанд, истифодаи мисолҳои воқеии парвандаҳо (аз таҷрибаи судӣ ё прокурорӣ) кам пешниҳод карда шудааст. Ворид намудани намунаҳои мушаххас аз парвандаҳои баррасишуда метавонад таҳқиқро воқеъбинона ва фаҳмотар гардонад.

3. Дар бахши 1.2 ки ба таҳқиқи одамкушии ҳамчун худкушӣ вонамудкардашуда бахшида шудааст, фарқи дақиқи ҳуқуқӣ ва криминалистикӣ байни ин ду навъи ҳодисаҳо ба таври возеҳ нишон дода нашудаанд. Ин метавонад боиси тафсири нодуруст гардад. Пешниҳод мешавад, ки дар раванди ҳимояи ошкоро мафҳуми онҳо равшан карда шавад.

Камбудї ва норасоињое, ки дар боло ќайд шудаанд, дар умум њангоми бањодињии мусбати тањќиќоти диссертатсионї наќши муайнкунандаро намебозанд ва танњо шањодати он мебошанд, ки масъалањои баррасишаванда хело муњим буда, мураккаб ва бањсноканд ва муаллиф дар њалли баъзе масъалањо дар натиљаи омўзиши сарчашмањои њуќуќї, адабиёти соњавї ва бањодињии аќидањои олимони гуногун нуќтањои муаллифии худро пешнињод намудааст, ки он хоси гузаронидани тањќиќоти илмї мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Мазмуни диссертатсия шањодати кофї будани пуррагии баёни мазмун ва навгонии илмї доштани онро медињад. Муаллиф аз натиљагирињо хулосањои худро ифода намудааст, ки он метавонад барои рушди илми муосири назарияи њуќуќ сањми сазовори худро гузорад. Диссертатсияи Назира Халил дар мавзуи «Тафтиши ба худкушӣ расондан» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионии Ҳабибзода Назира Халил дар мавзуи «Тафтиши ба худкушӣ расондан» ба талабот оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад.

**Муқарриз:**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор, сардори кафедраи криминалистика**
**ва экспертизаҳои судии Академияи ҳифзи ҳуқуқи**
**Ҷумҳурии Ӯзбекистон** **Астанов И.Р.**

**Имзои Астанов И.Р. – ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадри Академияи ҳифзи ҳуқуқи**
**Ҷумҳурии Ӯзбекистон** **Холматов М.М.**
«13» ноябри соли 2025

Суроға: 100047, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ш.Тошкент, н. Миробод, кӯч. Шаҳрисабз, 42. Факс/телефон: +(998) 71 202-04-96
E-mail: info@proacademy.uz; https://proacademy.uz/ru